**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст**
**(Душанбе, 2025.- 37 с.).**

Яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти баамалбарории адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ин таъмини адолати судӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии миллӣ, таҳкими кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Бинобар ин, мутобиқ сохтани меъёрҳои соҳа ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун кафолати муҳими конститутсионӣ боқӣ мемонад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд нақши муҳим дорад.

Бо назардошти ин асосҳои конститутсионӣ, пешрафти ҳаёти ҷомеа ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар замони истиқлолияти давлатӣ, таъмини адолати судӣ ва такмил дода шудани меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳкими кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубрамият, аҳаммият ва ҳадафҳо таҳқиқоти масъалаҳои умуминазарияви таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар бахшида шудааст, рӯзмарра ва муҳим мебошад.

Аҳамияти хосаи хонандаро боби 2 диссертасия, ки ба масъалаҳои масоили татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ҷалб менамояд. Муаллиф дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ, қайд мекунад, ки интихоби шакл, усул ва намудҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар дар ихтиёри худи давлатҳо мемонад... Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар шаклҳои татбиқи трансформатсия ва инкорпоратсия истифода мегар-данд. Қабули санадҳои ҳуқуқии зарурии дохилидавлатӣ роҳи асосии иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилали оид ба татбиқи созишномаҳои

байналмилалии имзонамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (С. 26).

Қайд шудааст, ки дар Тоҷикистон дар марҳалаи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили татбиқи ҳуқуқ санадҳои ҳуқуқӣ таҳия ва қабул шудаанд, ки татбиқи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар муносибатҳои дохилӣ таъмин мекунанд. Ба сифати чунин санадҳои ҳуқуқӣ, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2013, № 9 "Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд", Фармоиши Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021, № 1171 "Дар бораи Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ғайра мисол оварда шудааст (С.27).

Хулосаҳои муаллифи диссертатсия вобаста ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилии Тоҷикистон, аз ҷумла: 1) муқаррароти санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун асос баромад мекунанд; 2) муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ бо дарназардошти муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқии дахлдор, ки тартиби татбиқи онҳоро дар муносибатҳои дохилидавлатӣ танзим мекунанд, татбиқ карда мешавад ва 3 ) агар дар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ норасоиҳо мавҷуд бошанд, он гох танзими нокифояи як катор меъёрхои онро бо меъёрхои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва баръакс пурра кардан мумкин аст (С. 28), қобили дастгирӣ мебошад.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии кор дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар нуктаи 6, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, қайд карда мешавад "Раванди татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавҷуда, ки ба назарияи дуализм дар доираи тартиботи ҳуқуқии дохилӣ асос ёфтааст, метавонад якранг бошад ва дар партави ду мафҳуми асосӣ, яъне трансформатсия ва инкорпоратсия баррасӣ мешавад. Маънои онҳо наздик аст ва воқеан рад кардани таъсири бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба таври мутлақ дар низоми ҳуқуқии дохилӣ шарҳ медиҳад" (С. 13). Фикр мекунем, ки ин мавқеъ шарҳи иловагии диссертантро дар рафти ҳимоя талаб мекунад.

Дар маҷмӯъ аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Шаҳноза Музафар кори илмии

мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок гардида, ба анҷом расида мебошад.

Аз омӯзиши матни пурраи автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талабот мутобиқ буда, муаллиф он сазовори дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мебошад.

Судяи суди ҳарбии гарнизони Душанбе,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
полковники адлия М.Р. Рустамзода

734025, ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 1
тел + 992 918 77 77 07
e-mail: duden73@bk.ru

«05» 09 2025 с.